**СУРАТҶАЛАСАИ №8**

ҷаласаи Шӯрои олимони факултети филология ва таҳсилоти ибтидоии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

аз «10» марти соли 2022 ш. Панҷакент

**Иштирок доштанд:** аз 22 нафар аъзоёни Шӯрои олимон 20 нафар иштирок доштанд.

**РӮЗНОМА**

1. Муҳокимаи диссертатсияи номзадии Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Шунида шуд:** Оиди ин масъала раиси Шӯрои олимони факултети филология ва таҳсилоти ибтидоии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мақсудов З.О. баромад намуда, қайд намуд, ки диссертатсияи Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ташхиси давраи дуюм қабул шуда буд. Сипас сухан ба муқарризони холис дода шуд.

Абдуллоев Шавкат Усмонович – номзади илмҳои педагогӣ. дотсент, декани факултети тарбияи ҷисмонӣ ва табиатшиносӣ, муқарризи холис баромад намуда бо тақризи хеш ҳозиринoро шинос намуд:

Дар шароити муосир асоснок намудани механизми ташаккули

ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди таълим махсусан муҳим аст. Муҳимияти ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони ҷавон имрӯз пеш аз ҳама бо тағйироти куллии ҷомеаи мо дар тамоми сатҳҳо муайян мегардад, ки азнавсозии тафаккурро талаб мекунад. Агар ташаккули ҷаҳонбинии илмии ҷамъиятӣ талаботи исроркоронаи такмили ҷомеа бошад, пас нисбати ҷавонон ва дар маҷмӯъ ба хонандагон аҳамияти бағоят муҳим дорад. Ин муаммо дар назди олимон ва муассисаҳои таълимӣ вазифаи бознигарии роҳҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагонро дар ҷомеаи зудтағйирёбанда мегузорад. Дар баробари ин коркарди нокифояи назариявию амалии масъалаи таҳқиқот мубрамияти онро собит менамояд. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯи таҳқиқоти Худойназаров М.А. хеле муҳим ва арзишманд ҳисобида мешавад. Кори диссертатсионӣ мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ва донишкадаҳо таҳия гардидааст.

Дар кори илмӣ асосҳои методологӣ ва назарии муаммои таҳқиқот муайян карда шудаанд; шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон– ошкор карда шудааст; амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон коркард ва тариқи таҷриба санҷида шудааст; таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон таҳия ва коркард шудааст; истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон аз озмоиши санҷишӣ ва таҷрибавӣ гузаронида шудааст. Дар тақриз қайд карда шудааст, ки дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои пешгузошта шуда пурра ҳалли худро ёфтаанд ва рисола ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Ғаффоров М.Ҷ. – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муқарризи холис, баромад намуда бо тақризи хеш ҳозиринро шинос намуд: Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои тадқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот, арзёбии диалектологии раванди таълиму тарбия, равшану возеҳ будани фарзияи (асоснокии он, дастрасӣ) асос меёбанд.

Таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки аз пажӯҳишгар муайян намудани хусусиятиҳои сифатӣ ва миқдории низоми педагогиро тақозо менамояд, ба муаллифи рисола имкон додааст, ки фарзияи пешниҳодшударо бо эҳтимолияти қавӣ тасдиқ намуда, нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври илмӣ асоснок кунад. Дар бобати муайян сохтани асосҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон, ки иборат аз интихоби супоришҳои махсус, маводи озмоишӣ-таҷрибавии натиҷаи оморӣ дошта, хулосаҳои бадастомада аз таҷрибаи фаъолияти омӯзгорӣ мебошад, шаҳодат медиҳад. Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шартҳо ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи тадқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст. Умуман, мундариҷаи рисола ба талаботи шиносномаи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст ва рисола барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 пешниҳод карда мешавад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) рисолаи ба анҷом расидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ омода шудааст ва ба талаботу меъёрҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267 муқаррар гардидааст, пурра ҷавобгӯ аст.

2. Диссертатсияи Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои олимони факултет,

номзади илмҳои педагогӣ: Максудов З.О.

Котиби ҷаласа: Қурбанова А.А.